**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Баротов Амирхон Холмирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод карда шудааст.**

*Аз «11» 11 соли 2024* *ш.Душанбе*

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Умаров Х – раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хайрзода Ш.Қ., ва доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарифзода Б.М. – аъзоёни комиссия аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқи банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва тағйиру иловаҳои ба он воридгардида тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Баротов Амирхон Холмирзоевич хулосаи зеринро қабул намуд:

**1.Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ**

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Баротов Амирхон Холмирзоевич ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва тағйиру иловаҳои ба он воридгардида тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), мувофиқат мекунад.

Баротов Амирхон Холмирзоевич, 26 январи соли 1985 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Баротов Амирхон Холмирзоевич соли 2003 ба Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси андоз ва андозбандӣ дохил шуда, соли 2009 донишкадаи мазкурро хатм намудааст.

Аз соли 2014 фаъолияти меҳнатии худро оғоз карда дар вазифаҳои гуногун фаъолият кардааст. Солҳои 2014-2015 ҳамчун эдвайзери факултети молия ва қарзи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) фаъолият намудааст.

Солҳои 2015-2020 эдвайзер дар самти тарбияи факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон кор кардааст. Солҳои 2020-2024 ба ҳайси эдвайзери самти таълими шуъбаи фосилавии факултети иқтисод ва бизнеси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон кору фаъолият намудааст. Номбурда аз январи соли 2024 то инҷониб ҳамчун эдвайзери самти таълими шуъбаи фосилавии факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият карда истодааст.

Баротов Амирхон Холмирзоевич бо фармоиши ректори Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) аз 28.12.2015 №150/И ба шуъбаи аспирантура дохил шуда, ба кафедраи менеҷмент аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ вобаста карда шуда буд. Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 25.12.2018 с. № 123/и бинобар сабаби тағйир ёфтани самти кори илмиаш аз кафедраи менеҷмент ба кафедраи ба кафедраи андоз ва андозбандии (ҳоло андоз ва суғурта) аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Молия, гардиши пул ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон интиқол ёфт.

Мавзуи диссертатсияи Баротов Амирхон Холмирзоевич дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳти суратҷаласаи №11/8.4 аз 29 июни соли 2016 баррасӣ ва тасдиқ гардида, роҳбари илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Ҷурахонзода Баҳодур Ҷурахон таъйин гардидааст. Ҳамзамон бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 01.02.2019 с. №6/5.20 мавзуи рисолаи илмиашро бинобар пеш омадани зарурияти корӣ дар рафти иҷрои корҳои илмӣ иваз намудааст.

Роҳбари илмии аспирант номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Ҷурахонзода Баҳодур Ҷурахон мебошад.

Баротов Амирхон Холмирзоевич имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) 5 (аъло), аз 11.06.2019, таърих ва фалсафаи илм 4 (хуб), аз 16.11.2018 ва имтиҳони номзадӣ (минимум) аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз бо баҳои 5 (аъло), аз 22.01.2024 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супорида, соҳиби шаҳодатнома гардидааст.

Диссертатсияи Баротов Амирхон Холмирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли

вилояти Хатлон)» тахти роҳбарии н.и.и., дотсент Ҷурахонзода Б.Ҷ. иҷро ва дар ҷаласаи кафедраи андоз ва суғурта Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 31 августи соли 2024, суратмаҷлиси №1 муҳокима гардидааст.

**2. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсияи Баротов Амирхон Холмирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳад гузошт.

**3. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд.**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаи диссертатсия дар зиёда аз 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда дарҷ гардидааст, ки ба талаботи банди 35-уми «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ,» ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шуда, тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, мувофиқат мекунад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

**4. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳои носаҳеҳ**

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

**5. Комиссия пешниҳод менамояд:**

1. Диссертатсияи Баротов Амирхон Холмирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шавад:

- **Улуғхоҷаева Хосият Рауфовна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Яқубзода Маъруф Садруддин** - доктори фалсафа (PhD) аз руйи ихтисоси – Молия, дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Умаров Х.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Хайрзода Ш.Қ.

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Шарифзода Б.М.